«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э. С.
«___» _____ соли 2026

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи **«Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Шодиён Фархунда Тоҷиддин (Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна) унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Шодиён Фархунда Тоҷиддин соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Солҳои 2016-2018 дар бахши магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси шарқшиносӣ таҳсил кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15.01.2020, №10-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 19.12.2023, №510-05 унҷонҷӯйиро хатм кардааст. Аз моҳи октябри соли 2023 ба сифати лаборанти кафедраи филологияи Эрон фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсия ва роҳбари илмии Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30.09.2020, суратҷаласаи №1 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Шодиён Фархунда Тоҷиддин доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Сафаров Умархоҷа Раҳимович** мебошад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Шодиён Фархунда Тоҷиддин 19-уми июни соли 2024, №91 шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар ҷаласаи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 20-уми июни соли 2026 муҳокима гардида, аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат гирифта, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия шудааст.

Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Аҳмади Шомлу яке аз дурахшонтарин намояндаи адабиёти муосири Эрон аст ва дар адабиётшиносии Эрон ҳар ҷо ки аз ӯ зикри ном шудааст, вайро дастпарвари мактаби Нимо – бунёдгузори шеъри мудерни Эрон ва аз шогирдони баргузидаи Нимо Юшиҷ ҳисобидаанд.

Дар бораи зиндагӣ ва осори мавсуф таҳқиқоти зиёде анҷом шуда бошад ҳам дар диссертатсияи мавриди назар, яке аз ҷанбаҳои дигари эҷодии шоир – андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) пажуҳиш шудаанд.

Таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи ин мавзуъ аз он ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, ки на танҳо дар адабиётшиносии тоҷик, балки дар адабиётшиносии Эрон низ ба таври шоиста омӯзишу баррасии илмӣ нашудааст.

Ба навиштаи унвонҷӯ мавзуъ ҳамчунин аз он ҷиҳат дорои аҳаммият аст, ки моро аз диду назаргоҳҳои шоир, ҷаҳонбинӣ, назароти ӯ атрофи фарҳангу адабиёт, шеъру шоир, рисолати равшангарон дар ҷомеа, ҷараёнҳои адабӣ, муносибату алоқаи инсону адабиёт ошно мекунад.

Шоир дар дарозои умр андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и зиёде иншо кардааст, ки аксар дар мусоҳибаву гуфтугӯйҳо ва дигар нишастҳои

адабӣ ироа шудаанд ва дар шинохту маърифати амиқи шахсияти адабии шоир бисёр пураҳаммиятанд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқиии **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия, хусусан, бандҳои 1, 10, 14 ва 15-и** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур пурра **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи пажуҳишӣ пайванди зич доранд.

Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2025, №114 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Гузашта аз ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти муосири Эрону Тоҷикистон, адабиёти ҷаҳон, адабиёти халқҳои ИДМ, робиташиносӣ метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и шоирро ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ намуда, таъйини ҷойгоҳи онҳоро дар адабиёти муосир **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадаф муаллифи диссертатсия дар назди худ ҳалли **вазифаҳои** зеринро гузоштааст:

- таҳлилу арзёбии вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Эрон дар солҳои чилуми асри XX;
- баррасии хусусиятҳои фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа;
- омӯзишу арзёбии нашрияҳои адабӣ-иҷтимоии замон ва таъйини нақши онҳо дар рушду камоли шеъри муосири форсӣ;
- гурӯҳбандӣ ва таҳлилу баррасии ҷараёнҳои шеъри муосир дар солҳои 40-уми асри XX бар асоси намунаҳои шеъри шоирони таъсиргузори шеъри навпардозона;
- шарҳи зиндагинома ва мероси адабии шоир дар заминаи асли таърихият;
- мероси адабии Аҳмади Шомлу;

– баррасии мухтасари хронологии маҷмуаҳои шоир;
– таҳқиқи гунаҳои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу (шеърҳои суннатӣ, нимасуннатӣ ва шеърҳои сапед);
– баррасии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и шоир;
– омӯзиши мавзуии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо);
– таҳлили дидгоҳҳои завқии Аҳмади Шомлу оид ба шеър, шоир, ҳунар ва рисолати шоирӣ.
– мушаххас намудани нақши андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) дар муайянсозии шахсияти адабии шоир.

Мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** маҷмуаҳои ашъори Аҳмади Шомлу, Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя «Гар ишқ бимирад», китоби «Лолоӣ бо шайпур»-и Иллиё Диёнуш мебошанд. Барои таҳқиқи васеи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу, маҷаллаҳои адабии давр аз ҷумла: «Кайҳон», «Замона», «Ояндагон», «Теҳрони мусаввар», «Одина», «Паёми нав» “Сухан” ва ғайра истифода шудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ алоқаманд аз таълифоти илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажуҳишии марбут ба шеъри нав ва андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) самаранок баҳрабардорӣ кардааст.

Асосҳои назарӣ ва методологии диссертатсияро таҳқиқоти зиёди олимони адабиётшинос ва шарқшиносони ватаниву хориҷӣ, аз қабили Х. Асозода, Х. Шарифзода, Х. Отахонова, Р. Мусулмониён, А. Абдулманонов, У. Сафар, Д.С. Комиссаров, В.Б. Кляшторина, П.Н. Хонларӣ, М. Кохӣ, М. Кадканӣ, М. Ҳуқуқӣ, П. Салоҷиқа, Р. Бароҳанӣ, А. Зарринкуб, М. Ёҳақӣ, С. Шамисо, Ш. Лангрудӣ, Я. Ориянпур, А. Дастғайб, Т. Пуномдориён, И.А. Нур ва дигарон ташкил додааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик бахши камшинохташудаи осори Аҳмади Шомлу андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) таҳқиқи муфассали илмӣ шудааст.

Дар ашъору осори шоирону нависандагон қисмате аз нигоштаҳост, ки заминаи пайдоиши онҳо таъсири муҳити атроф, фазои зиндагии инсонӣ,

соҳаҳои мухталифи ҷомеа, ҷараёнҳои такомули ҳастии инсонӣ мебошанд. Шоир ба таври муъҷаз дарку тасаввури худро перомуни онҳо баён медорад, ки дар адабиётшиносӣ аз онҳо ҳамчун «гузингӯя» ном мебаранд.

Навгонии дигари диссертатсия дар он аст, ки шахсияти адабии Аҳмади Шомлу вобаста ба муҳити адабии замонааш таҳқиқ шудааст. Зимни таҳқиқ диссертант кушиш намудааст, то саҳми нақди адабӣ, ҳавзаҳои адабӣ, маҷаллаву рӯзномаҳои таъсиргузори замони шоир дар тарбияту пешрафт ва ташаккули маҳорати эҷодии адибро муайян намояд.

Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар он зоҳир мегардад, ки дар пешрафту камоли таҳқиқоти илмӣ дар робита бо шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон, афкору шинохти ҷойгоҳи эҷодии шоири муосири Эрон Аҳмади Шомлу, нақши мазкур дар ниҳоду пешрафти шеъри сафеди Эрон, офаринишу такомули доираи мавзуи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) таъсирбахш хоҳанд буд. Маводди ҷамъомада ҷанбаҳои назарии масъалаҳои вобаста ба шеъри нав ва асосҳои шинохту омӯзиши гузингӯяҳои адабиро мукаммал намуда, доираи таҳқиқ ва омӯзиши баъдинаи гузингӯяҳои адабиро дар адабиётшиносии тоҷик густариш медиҳад. Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи диссертант ҷанбаҳои амалии илми адабиётшиносии тоҷикро дар алоқамандӣ бо таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба адабиёти муосири Эрон, шеъри нав ва сафеди форсӣ, гузингӯяҳои адабӣ тақвият дода, хусусиятҳои фарогиранда, зебошинохтии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлуро иброз медорад.

Маводди диссертатсия дар тадриси фанҳои таълимии «Адабиёти муосири тоҷик», «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти муосир», «Адабиёти муосири Эрон», «Шеъри нав» мусоидат хоҳад намуд.

Муҳтавои асосии натиҷаҳои таҳқиқ дар 5 мақолаи илмӣ, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд ифода ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба

мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферат инъикос менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Шодиева, Ф.Т. Шомлу – асосгузори шеъри сафед / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №1. – С. 166-172.

[2-М]. Шодиева, Ф.Т. Нигоҳе ба гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №6-1 (101). – С. 251-257.

[3-М]. Шодиева, Ф.Т. Шеър аз нигоҳи А. Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №8 – С. 234-239.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар илмӣ:

[4-М]. Шодиева Ф.Т. Гунаҳои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон-Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Австрия, инчунин 75-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоев Х.Г. – Душанбе, 2023. – С. 229-232.

[5-М]. Шодиева, Ф.Т. Нақши нашрияҳои адабӣ дар инкишофи «Шеъри нав»-и Эрон дар даҳаи 40-50-уми асри XX / Ф.Т. Шодиева // Масоили мубрами арабшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию-назариявӣ дар мавзуи «Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол») – Душанбе, 2024. – С. 331-335.

Таҳқиқи арзишҳои ҳунариву адабӣ ва дигар хусусиятҳои осори Аҳмади Шомлу барои инкишофи адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** ҳангоми таҳқиқ дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърихи адабиёт, ҷараёнҳои шеърӣ, шеъри нав ва ғайра **татбиқ намудан имкон дорад**.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро шеваҳои дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани назари диссертант ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводди фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аҳмади Шомлу ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар адабиёти муосири Эрони нимаи дувуми садаи XX мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» ба ихтисоси интихобшуда комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, чаҳордаҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳар кадоме аз фаслу бобҳои диссертатсия истинод ба сарчашмаҳои адабию илмӣ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқӣ ва таҳлилу баррасиҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқ ноил шудааст. Кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддинро мавриди баррасӣ қарор дода, доир ба ин масъала қарори дахлдор қабул намуд.

Ҷаласа қарор қабул кард:

1. Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои

мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимояи такрорӣ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 20.06.2026 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест; суратҷаласаи №10 аз 20.06.2026.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи филологияи Эрони
факултети забонҳои Осиё ва Аврупо Қосимов Ҷ.С.

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи филологияи Эрони факултети
забонҳои Осиё ва Аврупо Абдулҳадов Ҷ.З.

Имзоҳои Қосимов Ҷ.С. ва
Абдулҳадов Ҷ.З.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
25 июни соли 2026